# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба рисолаи номзадии Садуллоева Гулнора Мохадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

1. Дар раванди ворид гардидан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот роҳандозӣ намудани равандҳои демократӣ бо майл ба ташаккули салоҳияти донишҷӯён ниҳоят мубрамият пайдо намуда истодааст. Дар шароити муосир донишҷӯеро бо фаъолияти касбӣ омода намудан зарур аст, ки эҷодкор, озодандеш ва ошкорбаён буда, андешаи дигаронро низ бо эътибор гирифта тавонад. Доираи донишҳои зарурӣ, маҳорат ва малакае, ки донишҷӯ ба он ноил бошанд, дар иҷрои амалҳои педагогӣ коркард гардида, мариди истифода қарор меёбад. Имкониятҳои иқтидори касбии фанҳои таълимии педагогика ва психология, фанҳои ҷамъиятӣ ва шароити татбиқи робитаҳои байни фаннӣ коркард гардида, дар раванди демократикунонии таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар муносибатҳои босалоҳият мавриди истифода қарор хоҳад гирифт.

Аҳамияти таҳқиқот дар он аст, ки ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим, идоракунии демократӣ ва муносибати босалоҳият дар баланд гардидани сифати таълим ва иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ асоснок карда шудааст. Дар таҳқиқоти мазкур асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим тарҳрезӣ намудааст.

Диссертатсия тибқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба анҷом дода шудааст.

Диссертатсия дар шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи кафедраи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 14.04.2025, №4).

Дар хулосаи шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи

таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсия баҳои воқеӣ ва мусбат дода шудааст.

Диссертатсия ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31, 33 ва 60 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мебошад.

2. Натиҷаҳои таҳқиқот талаботи илмӣ, хулосаву тавсияҳо бо омӯзиши ҳаматарафаи масъалаи гузоштташуда; амалисозии пайгиронаи асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот, ҷанбаҳои ибтидоии он, истифодаи методҳои ба ҳадаф, вазифаҳо, фарзияи таҳқиқот мувофиқ; бо санҷидани натиҷаҳо, ҷорӣ намудани онҳо дар амалияи як қатор муассисаҳои таълимӣ; тасдиқи таҷрибавӣ-озмоишии дурустии хулосаҳои бароварда; пойгоҳи кофии сарчашмаҳо таъмин мегардад.

3. Мавзуъ ва мухтавои Садуллоева Гулнора Мохадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ), аз ҷумла ба банди 1 – Методикаи омӯзиши ҷомеашиносӣ; фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳо, принсипҳои онҳо; банди 2 - Татбиқи равишҳои методологӣ дар омӯзиши фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ; тархрезӣ, пешгӯӣ, моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ) ва банди 4 — Сифати ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, нишондихандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ; назорат ба сифати чорабиниҳои иҷтимоию маданӣ), ҳамчунин ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2 мутобиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, хулосаҳо ва муқаррароти диссертатсия дар 9 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5-тоаш дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия нашр шудаанд. Шумораи маводи нашршуда дар нашрияҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

5. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи муаллиф мустакилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои

барои ҳимоя пешниходшудаdaro дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Садуллоева Гулнора Мохадовнаро тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Садуллоева Гулнора Мохадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим» барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар: **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** таъин карда шавад.

в) ба ҳайси муқарризони расмӣ:

**Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва **Мансурова Ҷамила Сулаймоновна -** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи шурои диссертатсионии назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Юнусова Н.М.

Аъзоёни комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ Абдулов Ҷ.М.
номзади илмҳои педагогӣ Бобоева М.Р.

25.04.2025

*Имзои Юнусова Н.М., Абдулов Ҷ.М., Бобоева М.Р.-ро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.